## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи "Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. - Таърихи ватанӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.- Таърихи ватанӣ) таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Диссертатсия бо истифода аз сарчашмаҳои муътамад баррасӣ гардида, ба принсипҳои таҳқиқи илмии таърихи ватанӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Омӯзиш ва баррасии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоб дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) барои ҷомеаи муосири тоҷик ҳамаҷониба муфид арзёбӣ мегардад. Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ислоҳот гузаронида шуд, ки ба рушду такомули ҷумҳурӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Тоҷикистони соҳибистиқлолро зарурат пеш омад, ки аз роҳи душвор тадбирҳои амалӣ - роҳи ба ҳам омадани миллат, таъмини сулҳ, ризоият ва дар заминаи он ҷустуҷӯйи роҳи беҳтар намудани вазъияти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангиро дар ҳама минтақаҳои кишвар роҳандозӣ намояд. Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991–2021) аз нақши хоси ин минтақа дар равандҳои таърихии даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳад. Минтақаи Кӯлоб ҳамчун яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати сиёсиву иҷтимоӣ фаъол, дар солҳои гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба

иқтисоди бозорӣ ва дар шароити бухрони сиёсӣ ва иҷтимоии солҳои 90-ум мавқеи муҳимро ишғол намуд.

Таҳқиқу баррасии мавзуи «Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон) давоми солҳои охир ба яке аз тамоюлҳои муҳимми илми таърихшиносии замони мо мубаддал гардидааст. Аммо то ҳол ин масъала ба таври амиқ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Танҳо доир ба паҳлуҳои алоҳидаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ китобҳо, монографияҳо, мақолаҳои зиёди илмӣ, публитсистӣ ва рисолаҳои илмӣ таълиф гардидаанд, ки паҳлуҳои алоҳидаи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлобро фаро мегиранд. Қисми зиёди ин таҳқиқот мазмуни иқтисодӣ ва фарҳангиро доро буда, таърихии масъалаи мазкур пурра мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда.** Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дорои якчанд натиҷаҳои муҳимми илмиест, ки дар илми таърихшиносии тоҷик бори аввал пешниҳод гардида, дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Дар диссертатсия муаллиф вазъи иқтисодии минтақаро дар солҳои 90-ум дар асоси адабиёти илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, перомуни масоили мазкур хулосаи мушаххас пешниҳод намудааст.

Дар асоси маводи бойгонӣ ва адабиёти мавҷуда муаллиф муаян намудааст, ки минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон солҳои истиқлолӣ давлати ба дастовардҳои бузурги иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ноил гардида, раванди рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ дар минтақа идома доранд.

Муаллиф дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ кӯшиш намудааст, ки маҳз ба масъалаи рушду такомули масоили иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар солҳои 1991-2021 таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд, зеро баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ сар задани ҷанги шаҳрвандӣ боиси харобиҳои зиёд дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ гардид. Аммо ба ҳамаи

ин нигох накарда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист дар муддати кӯтох ин камбудиҳоро бартараф намуда, ба рушди соҳаҳои зикршуда мусоидат намояд.

**Натиҷаҳои ба дастомада** дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, навиштани китобҳои дарсӣ оид ба таърихи иҷтимоӣ-иктисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон истифода шавад.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар интихоби мавзуи нав, таҳияи методологияи мушаххаси таҳқиқот, кор бо адабиёти илмӣ басо назаррас аст. Муҳаққиқ дар баробари таҳлили таърихӣ, ба ҷанбаҳои ҳаёти фарҳангии минтақа таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки баррасиҳои илмӣ ва хулосаҳои муаллиф роҷеъ ба масъалаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва бо асосҳои таърихнигорӣ таҳия гардида, барои ғанӣ гардидани маводи илмии соҳаи илмҳои таърих мусоидат менамояд. Инчунин, муаллиф дар заминаи таҳлилҳои илмӣ–назариявӣ, мутобиқ бо натиҷагириҳо, хулосагириҳои амалии донишҳои илмии соҳа бо мақсади баррасии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ тавсияҳои амалии худро манзур намудааст.

**Сохтори илмии диссертатсия.** Тарзи баён, нақшаи мантиқии таҳлили масъалаҳо ва мураттабсозии маводи илмӣ аз малакаи мустақили таҳқиқоти муҳаққиқ шаҳодат медиҳанд. Диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон таҳқиқи тозае дар илми таърихшиносии тоҷик ба шумор рафта, бори аввал бо чунин вусъат ва густардагии таҳқиқ ба анҷом расидааст. Диссертатсияи аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (245 номгӯй) иборат мебошад.

**Муқаддимаи диссертатсия** яке аз бахшҳои калидии рисола ба шумор рафта, дар он зарурияти илмии таҳқиқ, навгонии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мантиқи интихоб ва аҳаммияти иҷтимоию сиёсӣ ва таърихии мавзуъ мукаммал ифода ёфтааст. Он бо мантиқи равшан, асоснокии

назариявӣ ва равиши мётодологӣ таҳия шуда, ба таври комил муҳити илмии мавзуъро ифода мекунад. Мукаддима на танҳо зарурати интихоб ва асоси илмии мавзуъро нишон медиҳад, балки таҳқиқотро дар як заминаи муътамад ва мушаххаси таърихӣ ҷой медиҳад.

Боби якуми диссертатсия – **«Ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар марҳалаи аввали замони соҳибистиқлолӣ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал - **«Оғози дигаргуниҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар минтақаи Кӯлоб дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI»** мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, муайян гардидааст, ки ибтидои соли 1920 ба сифати яке аз субъектҳои Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (ҶХШБ) таъсис ёфта, минбаъд бо сабабҳои номаълум бо таъсир ва нуфузи дастгоҳи бюрократии замони шуравӣ борҳо ташкил ва барҳам дода шудааст. Моҳи декабри соли 1992 ин қаламрави маъмурии ҷумҳурӣ аз нав таҳти вилояти навтаъсиси Хатлон муттаҳид гардидааст. Дар давраи соҳибистиқлолӣ ба ин минтақа 10 шаҳр ва ноҳияҳои Хатлон - Кӯлоб, Муъминобод, Шамсиддини Шоҳин, Ховалинг, Восеъ, Данғара, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Темурмалик ва Балҷувон дохил мешаванд.

Дар зербоби 2-юми боби якум - **«Тадбирҳои муҳимми сиёсии марҳалаи аввали замони истиқлолият ва ба арсаи сиёсат ворид гардидани Эмомалӣ Раҳмон - рӯйдодҳои бузурги таърихӣ-сиёсӣ»** ном дошта, дар он муҳаққиқ аз рӯзҳои фоҷиабори давраи оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва махсусан минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ёдовар мегардад, ки дар ҳолати ниҳоят ногувор қарор дошт. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки Эмомалӣ Раҳмон - раиси Комиҷроияи вилояти Кӯлоб ҳамчун зодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минтақаи Кӯлоб дар рӯзҳои душвори давраи ҷанги шаҳрвандӣ 16 ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Ин симои барҷаста тавонист кишвари моро аз вартаи ҷанг ва хунрезӣ наҷот бахшад ва дар дили шаҳрвандони тоҷик шуълаи умеду боварӣ ба ояндаро барафрӯзад.

Боби дуюми диссертатсия – **«Минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ (солҳои 1991-2021) »** ном дорад ва аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Дар зербоби якум - **«Пастравии саноати минтақа, раванди барқарорсозӣ ва дигаргунсозиҳо дар шароити нави иқтисоди бозорӣ»** ном гирифта, муҳаққиқ қайд менамояд, ки вазъи саноати минтақаи Кӯлоб дар ибтидои марҳалаи соҳибистиқлолӣ вобаста бо таъсир ва даргириҳои воқеаҳои давраи ҷанги шаҳрвандӣ ба буҳрони шадиди иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардид, ки он сабабҳои объективии худро дошт. Танҳо баъди анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ бо амалигардонии ислоҳоти соҳаи саноат имконияти воқеӣ барои боз доштани сатҳи пастравии саноат, барқарорсозӣ ва рушди ҳамаҷонибаи он ба вуҷуд меояд.

Дар зербоби дуюми боби 2-юми диссертатсия - **"Тағйирот дар ҳаёти аграрӣ»** дарҷ гардида, диссертант ба хулосае меояд, ки вазъи кишоварзии минтақаи Кӯлоб ба мисли дигар минтақаҳои Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ҳамаҷониба рушду инкишоф ёфтааст. Дурнамои инкишофи ин соҳа нек ва умедбахш буда, бо истифода аз таҷрибаҳои нави инноватсионии соҳа, техника ва технологияи коркард, истифодаи самараноки замин, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, бо истифода аз заминаи обёрӣ ва азхудкунии заминҳои нав махсусан дар ноҳияҳои Данғара, Фархор ва дигар ноҳияҳо имконияти воқеӣ барои рушди ҳама бахшҳои соҳа бештар гардида, метавонад барои иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат: таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии кишвар созгор бошад. Ҳоло заминҳои кишти ноҳияи Данғара 10 фоизи заминҳои кишти вилояти Хатлонро ташкил дода, обёрӣ ва азхудкунии заминҳои нави ноҳияҳои Данғара ва Фархор идома дорад.

Боби сеюми диссертатсия – **"Дигаргунсозиҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ"** аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боби сеюм – **«Тағйирот ва комёбиҳо дар соҳаи маорифи халқ»** масоили мушкилот, тағйирот, рушд ва комёбиҳои соҳаи маориф мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар

зербоби дуюми боби сеюм – **«Хизмати тиббии аҳолӣ ва инкишофи соҳаи тандурустӣ»** масоили алоқаманд ба соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар зербоби сеюми боби сеюм - **«Муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар шароити нав»** номгузори шуда, мақоми муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар замони соҳибистиқлолӣ баррасӣ шудааст. Диссертант қайд менамояд, ки рушди соҳаи фарҳанг ба ду даҳсолаи охири давраи соҳибистиқлолӣ алоқаманд буда, имконият фароҳам меовард дар кишвар ислоҳоти муҳимми соҳа роҳандозӣ гардад. Тадбирҳои андешидаи Ҳукумат ҷиҳати рушд ва инкишофи фарҳанг боиси он мегардад, ки дар минтақаи Кӯлоб фаъолияти муназзами ҳама муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ таъмин гардад. Имрӯзҳо, роҳи ободкорию созандагӣ дар бахши фарҳанг вусъати тоза касб намудааст. Имконият барои ташаккул ва рушди ҳунарҳои миллӣ бештар гардида, мавқеъ, нуфуз ва обурӯйи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон афзун мегардад.

Нуктаи қобили таъкид он аст, ки таҳқиқ дар ин самт бо натиҷагириҳои мушаххаси унвонҷӯ дар фарҷоми ҳар зербоб шарҳи худро ёфтааст, ки баррасиҳои дақиқ ва амиқи ӯро бозгӯйӣ мекунад.

Натиҷаи илмии маҳсули таҳқиқи муаллифи рисола дар хулосаи диссертатсия баён гардидаанд, ки онҳо ҳамагӣ аз доманаи васеи баррасиҳои анҷомдода ва таҳқиқи шоистаи ӯ дарак медиҳанд. Феҳристи адабиёти истифодашудаи диссертатсия низ мутобиқ ба талаботи таҳияи он омода гардида, муҳимтарин сарчашмаҳо ва адабиёти таҳқиқӣ ба он ворид шудаанд. Зикри манобеи муҳимми илмию адабӣ, сарчашмаҳо, адабиёти илмии зарурӣ аз он дарак медиҳад, ки унвонҷӯ мутолиаи фаррох доир ба мавзуи таҳқиқотии хеш дорад ва барои анҷоми он аз муҳимтарин пажуҳишҳо босамар истифода кардааст.

Сарфи назар аз сатҳи илмӣ ва арзиши муҳимми кори таҳқиқотӣ, якчанд нуктаҳоро барои такмили рисола метавон пешниҳод кард:

1. Хангоми истифодаи маводи бойгонӣ, омор, матбуоти даврӣ муаллиф усули муқоисавии таҳлили сарчашмаҳоро камтар мавриди истифода қарор додааст.

2. Хуб мешуд ҳамаи фондҳо, папкаҳои бойгонӣ, ки дар диссертатсия мавриди истифода қарор гирифтааст, дар кор нишон дода мешуданд;

3. Дар рисола ҳарчанд аз асарҳои ёдоштӣ истифода шудааст, аммо хеле кам. Хуб мешуд, ки ахбори онҳо баррасӣ мегардид. Ҳамзамон, ин асарҳо дар рӯйхати адабиёт бояд аз асарҳои илмӣ ҷудо оварда мешуд.

4. Дар рисола баъзе ғалатҳои имлоӣ - техникӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд, ки бартараф намудани онҳо арзиши таҳқиқотро боз ҳам боло мебарад. Эродҳои зикршуда ҷузъи буда, сифати рисоларо коста намегардонанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 14 номгӯи таълифоти илмии муаллиф, аз ҷумла 7-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, диссертант бо 7 маъруза дар конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад намудааст.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Шодизода Саодат Исломхон муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Хулоса, диссертатсияи Шодизода Саодат Исломхон дар мавзуи “Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ (1991-2021) (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. - Таърихи ватанӣ) кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он

сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.- Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи таърихи умумӣ
ва муносибатҳои байналхалқии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Наҷмудинзода Т.А.
«21» апрели соли 2026 с.

Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
Хиёбони Рудакӣ 121
Тел: 224-13-83
E-mail: tgpu2004@mail.ru
Имзои **Наҷмудинзода Т.А.**-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Қодирзода С.
"21" апрели соли 2026 с.